Тақриз

ба диссертатсия ва автореферати Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (Дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯён яке аз масъалаҳои муҳими илми педагогика ба шумор меравад. Чунки ин раванд фақат бо ҷараёни таълим набуда, он бо сохторҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва арзишии ҷомеа дар робитаи мустақим қарор дорад. Баррасии ин раванд аз чанд самти муҳим имкон медиҳад, ки моҳияти иҷтимоишавӣ дақиқтар дарк гардад.

Дар самти иҷтимоишавии донишҷӯён сатҳи таълим, тарбия, муҳити маънавӣ ва имкониятҳои фарҳангии ҷомеа нақши муҳим дорад. Маҳз сифати муҳити тарбиявиест, ки шароити рушди маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии донишҷӯро муайян мекунад.

Дар раванди иҷтимоишавии шахсияти донишҷӯён тафсири моҳияти фаъолияти маърифатӣ метавонад ба он мусоидат кунад, агар мо аз нуқтаи назари таҳлили равандҳо, ба тафаккури абстрактӣ ва аз амалия муайян кардани он назар кунем. Иҷтимоишавии шахсияти донишҷӯён ҳамчун равандҳои маърифатии равонӣ худ раванди фаъол мебошад, аммо дараҷаи ин фаъолият ва сабабҳое, ки боиси он мешаванд, гуногун мебошанд. Ҳамин тавр, бо дараҷаи тамоман гуногун будани фаъолият, дарки воситаҳои муоинашаванда вобаста аз андоза ва хусусият ва аломатҳои онҳо сурат мегирад.

Мавзуи кори таҳқиқотии Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (Дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» масъалаҳои муҳими дар шароити муосир маҳсуб меёбад.

Мавзуи таҳқиқоти мазкур барои низоми таҳсилоти муосир аҳамияти хоса дошта, ба масъалаҳои муҳими стратегияи миллии рушди маориф, тарбияи шахсияти фаъоли ҷомеа ва мутобиқ ба шароити муосир мувофиқ аст.

Муҳаққиқ дар коркарди рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиву адабӣ ва махсусан таърихӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқиқро дар раванди таълим муфассал баён намудааст.

*Навоварии илмии таҳқиқот* пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ дар масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо риояи пайдарпайии мантиқӣ таҳлил ва асоснок карда шудаанд. Дар ҷараёни таҳқиқот заминаҳои назариявии равандҳои иҷтимоишавии донишҷӯён баррасӣ ва таҳлил гардида, асосҳои методологии он муайян шуданд; дар доираи таҳқиқ, мафҳуми «иҷтимоишавӣ» бозшиносӣ шуда, дақиқтар таъриф ёфтааст. Моҳияти иҷтимоишавии донишҷӯён дар омодагии онҳо барои амалигардонии накшҳои иҷтимоӣ – аз қабили мутахассиси соҳибтахассус, шаҳрванди

фаъол, узви оила ва иштирокчии ҳаёти ҷамъиятӣ – ифода гардидааст. Мақсад ва муҳтавои раванд ҳамчун ташаккули шахсияти иҷтимоишудаи донишҷӯ тафсир ёфта, принсипҳои ташкили ҷараёни иҷтимоишавӣ таҳия ва асоснок гардиданд. Дар натиҷаи таҳқиқ, амсилаи назариявию амалии иҷтимоишавии донишҷӯён таҳия гардидаст, ки метавонад ҳамчун воситаи методологӣ барои арзёбӣ ва такмили фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода шавад. Заминаҳои педагогии ин раванд низ шакл гирифтанд, ки имкон медиҳанд пайванди мутақобили таълим ва тарбия таъмин шуда, ҷараёни иҷтимоишавӣ бо муҳтавои таълим ҳамоҳанг карда шавад.

*Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот* дар натиҷаи таҳлил мафҳуми иҷтимоишавии донишҷӯён воситаҳои фаъолсозии таълимии донишҷӯён равшан карда шуда, таснифоти субъектҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар раванди таълим дар заминаҳои гуногун истифода мешаванд, таҳия карда шудааст.

Шаклҳо, усул ва воситаҳои истифодаи дониш ва малакаи илмӣ, такмили ҷараёни таълимро дар иҷтимоишавӣ ва баланд бардоштани сатҳи сифати корҳои таълимии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъмин менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои рушди ҷанбаҳои педагогии сифати дониш ва иҷтимоишавии донишҷӯён истифода шаванд.

Қобили қайд аст, ки андешаҳои назарии муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзишу санҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада мунсифона мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

*Дар боби якуми рисола* «Асосҳои назариявии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» масъалаҳои иҷтимоишавии шахсият ҳамчун масъалаи педагогӣ, мақоми муассисаҳои олии касбӣ дар иҷтимоишавии шахсияти донишҷӯён, асосҳои назариявии муайян кардани дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён баррасӣ шудааст.

*Дар боби дуюми рисола* «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» масъалаҳои методикаи муайянсозии дараҷаи иҷтимоишавии донишчуён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи амсилаи иҷтимоии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

*Дар боби сеюми рисола* «Таҳқиқу озмоиши шароитҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» андешаҳои муаллиф оид ба масъалаҳои хусусиятҳои иҷтимоишавии фаъолияти таълимию маърифатии донишҷӯён, таҳқиқ ва озмоиши таълимии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баён шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи натиҷаҳои бадастомада ҷиҳати такмили кори таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи курсҳои таълимӣ, барномаҳои фаъолияти берун аз аудиторӣ, инчунин дар фаъолияти кураторони гурӯҳҳои академӣ ва кормандони педагогӣ ифода меёбад.

Муҳаққиқ ба мақсаду вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда расидааст.

Интишороти муҳаққиқ, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд, ба мазмуну мухтавои кори таҳқиқотӣ мувофиқат менамоянд.

Хулоса, кори таҳқиқотии Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (Дар мисоли Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ меҳисобам ва муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) арзанда мешуморам.

Таҳқиқоти Фозилзода Ш.О. бо мазмуни нав, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, усулҳои инноватсионӣ ва натиҷаҳои боэътимоди озмоишӣ тавсиф мешавад.

Муаллиф сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
Мудири кафедраи педагогика,
психолгия ва методикаи таълими
Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф Акобир Риоев

12.05.2026

**Маълумот барои тамос:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15;
Телефон: (+992) 918-27-42-43; Почтаи электронӣ: akobirjon.rioev88@gmail.com

Имзои Акобир Риоевро
тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ Манучеҳр Ҳабибзода